# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи тасдиқи Созишнома доир ба ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои сирояти вируси норасоии масунияти бадан

Ҷиҳати иҷрои Созишнома доир ба ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои сирояти вируси норасоии масунияти бадан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Созишнома доир ба ҳамкорӣ дар ҳалли масъалаҳои сирояти вируси норасоии масунияти бадан, ки дар шаҳри Москва 25 ноябри соли 1998 ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо дигар вазорату идораҳои манфиатдор оид ба татбиқи Созишномаи мазкур тадбирҳо андешида, доир ба масъалаҳое, ки қарори Ҳукуматро тақозо менамоянд, пешниҳодоти дахлдор манзур намояд.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи иҷроияи Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақилро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи зикршуда заруранд, огоҳ намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 9 ноябри соли 2000 № 447

ш. Душанбе